Ташкили дурусти фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, танзими муносиби ҳуқуқии салоҳият ва шаклҳои фаъолияти мақомоти дахлдор барои таъсири онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба афзоиши некӯаҳволии аҳолие, ки дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ зиндагӣ мекунанд хеле муҳим аст, зеро ин яке аз ҳадафҳои асосӣ ва вазифаи ин мақомот мебошад. Ташаккули падидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба татбиқи самараноки яке аз усулҳои муҳими фаъолияти сохтори давлатӣ, мутамарказгардонӣ ва ғайримутамарказгардонӣ дар раванди идоракунии ҷомеа ва давлат мусоидат менамояд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати ягона дар он ҳолат ташаккул меёбад, ки рушди доимии минтақаҳо ва мавҷудияти мақомоти иҷроия (мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ)-ро таъмин намояд ва ин мақомот вазифаҳои ба зиммааш гузошташударо ба таври самарабахш иҷро намуда, ҳамкории самаранокро бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ба роҳ монад.

Раванди босуръат ва шиддатнокии ҷараёнҳои сиёсӣ ва иҷтимоию-иқтисодӣ дар ҷомеа ва давлат, аз нав дида баромадан ва коркарди назариявию амалиро дар илми ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла вобаста ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро тақозо менамояд. Падидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба «ҷавонӣ»-и худ нигоҳ накарда, тавонист натанҳо дар низоми ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойи махсусро ишғол намояд, балки дар дигаргунсозиҳои марбут ба тағйирёбии назарҳо дар бораи мавқеъ ва нақши ин мақомот дар низоми умумии ҳокимият ва таҷассуми равшани принсипи таҷзияи ҳокимият дар ҳаёт низ мавқеи ҳалкунандаро ишғол намояд.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», аз соли 2004 ба баъзе баҳсҳои тӯлонӣ дар бораи принсипҳои умумии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ хотима гузоштанд, вале як қатор масъалаҳоеро ба миён оварданд, ки баррасӣ ва ҳалли минбаъдаро талаб менамоянд. Аз ҷумла, тартиби ташкили сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани доираи

[31] Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 декабри соли 2018, ш. Душанбе. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj /rus/payomho.htm13747 (санаи муроҷиат: 20.06.2019).

салоҳияти онҳо ва роҳҳои татбиқсозии он, инчунин ҳамкории ин мақомот бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шакл ва усулҳои фаъолияти он аз ҷумлаи масъалаҳои муҳим ба шумор меравconfigured. Тибқи арзёбии якдилонаи олимони ватанӣ, вазъи кунунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳанӯз ҳам аз вазъи зарурии муносиб дур аст[32]. Он таҳлили илмии созанда, тадқиқоти интиқодӣ оид ба таърифи меъёрӣ ва амалияи фаъолияти ин падида ва муқоисаи он бо таҷрибаи кишварҳои хориҷиро тақозо менамояд.

Ҳадафи асоснокнамоии илмиро ислоҳот, такмили низом ва шаклҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳад ва бо дарназардошти ин масъалаҳо мубрамияти мавзӯи диссертатсияро омилҳои зерин дар бар мегиранд: Якум, дар солҳои охир қабул намудани як қатор санадҳои қонунгузорӣ ва барномаҳои давлатӣ оид ба нақши мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ҳамкории мутақобилаи онҳо бо мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунӣ, муносибат, дарк ва таҳлили навро тақозо менамоянд. Дуюм, зарурати воқеии таҳия ва такмил додани принсипҳои мавҷудбудаи низоми сохташудаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба миён омадааст. Сеюм, бо дарназардошти тамоюлҳои кунунии демократикунонии равандҳои иҷтимоӣ, марказонӣ ва ғайримарказонии салоҳиятҳои ҳокимиятӣ, зарурати такмил додани самтҳо ва шаклҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дар ин замина кам намудани дахолати давлат ба раванди идоракунӣ дар сатҳи маҳалҳо ба миён омадааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барномаҳои таҳқиқотӣ ва мавзӯҳои илмӣ.**

Диссертатсияи мазкур дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2016-

[32] Имомов А. И. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2007. - С. 13-24.; Ойев Х. Ҳокимияти иҷроия: тамоили инкишоф ва вазифаҳо. //Давлат ва ҳуқуқ. 2003. №3. С.1-12. Раззоков Б. Х. Система исполнительной власти Таджикистана: правовые проблемы организации. «Правовые проблемы укрепления Российской государственности» част-33. Изд. Томского Университета. 2006. Ст. 67-77.; Абдуллоева Д. Ф. Местные исполнительные органы государственной власти как объект конституционно-правового регулирования // Юридические науки: проблемы и перспективы: материалы II-ой Международной научной конференции журнала «Молодой учёный», Россия, г. Пермь, январь 2014 г. - Пермь, 2014. – С. 15-18.

2020 дар мавзӯи «Мушкилоти ҳуқуқӣ-конститутсионии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ» омода гардидааст.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯи диссертатсионӣ.** Масъалаҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тӯли солҳои зиёд объекти таҳқиқоти илмӣ қарор гирифта, таваҷҷӯҳи зиёди олимонро ба худ ҷалб намудааст. Ҳамин тавр, дар замони шӯравӣ дар Тоҷикистон масъалаи мазкур аз ҷониби чунин олимон ба монанди Ф.Т. Тоҳиров[33], А. Мавлонов[34], С.М. Қосимов[35], А.И. Имомов[36], С.Р. Раҷабов[37], Х.К. Андрусенко[38] ва дигарон мавриди таҳқиқот қарор гирифтааст. Муаллифони зикршуда дар асарҳои худ масъалаҳои вазъи ҳуқуқии Шӯроҳои маҳаллии вакилони халқро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва қабули Конститутсияи соли 1994, дар ин самт дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд, ки дар натиҷаи он мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ташкил карда шуданд. Бо вуҷуди аҳамияти ин дигаргуниҳо барои ташаккули давлатдории тоҷикон, ба масъалаи омӯзиши илмии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ диққати зарурӣ дода намешуд. Дар ин давра танҳо се рисолаи номзадӣ, ки ба масъалаҳои фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлати алоқаманданд - дар соли 2009 Б.С. Аминҷонов дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии ташакил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», К.Т. Мухторов соли 2011 дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва соли 2019 Д.Ф.Абдуллоева дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсиони ташкил ва фаъолияти Маҷлиси маҳаллии вакилони халқи вилоят дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» омода ва ҳимоя карда шуданд.

---

[33] Тахиров, Ф.Т. Высшие органы государственной власти Таджикской АССР. автореф. дис. … канд. юрид. наук: – Душанбе, 1971. – 20 с.

[34] Мавлянов А. Кишлачные Советы депутатов трудящихся Таджикской ССР: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1960.

[35] Касымов С.М. Городские Советы депутатов трудящихся Таджикистана на современном этапе: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1961

[36] Имомов А. Районные Советы депутатов трудящихся (на материалах Таджикской ССР): дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1971.

[37] Раджабов С. Компетенция местных Советов депутатов трудящихся в современный период и организационно-правовые формы ее осуществления: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 1976.

[38] Андрусенко, Х.К. Поселковый Совет народных депутатов Таджикской ССР в период развитого социализма. дис. ... канд. юрид. наук: – Душанбе, 1980.

Як қатор масъалаҳои марбут ба раванди ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла сатҳи маҳаллӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватанӣ, аз қабили З. Ализода[39], А.И. Имомов[40], А.С. Достиев[41], Х. Ҳомидов[42], Зоир Ҷ.М[43], А.М. Диноршоев[44], Б.С. Гадоев[45], Р.Ш. Сотиволдиев[46], Холиқзода А.Ғ[47], Буризода Э.Б[48], С.М. Салоҳидинова[49], М.С. Сулаймонов[50], С.Н. Яқубова[51], Саидзода И.Ҳ[52], Ҷ.Н. Ҷамшедов[53] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

Аз нуқтаи назари илми ҳуқуқи маъмурӣ, мушкилоти фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз ҷониби Б.Ҳ. Раззоқов[54], С.И. Иброҳимов[55], Х. Ойев[56], З.М. Соибов[57], Р.Н. Маърифхонов[58] ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

---

[39] Алиев З.М. Асосҳои конститутсионии ташкили ҳокимияти иҷроия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. //Давлат ва ҳуқуқ. 2003 №1. - С.21-28.

[40] Имомов А.И. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998 г.г.). Душанбе, 1998. –208 с.

[41] Достиев А.С. Конститутсияи нав оинаи таҳаввулоти Тоҷикистон. М.: Былина, 1997. -136 с.

[42] Ҳомидов Х. Такомули Қонуни асосии Тоҷикистони муосир. – Душанбе, 2005. – 190 с.

[43] Зоиров Д.М. Таджикистан: от государства Саманидов до суверенной государственности. Душанбе: Деваштич, 2003. –200 с.

[44] Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. Душанбе, 2007. - 206 с.

[45] Гадоев Б.С. Правовые проблемы института референдума в Республике Таджикистан. Душанбе, 2003. - 184 с.

[46] Сотиволдиев Р.Ш. Конституционно-правовые начала формирования гражданского общества и правового государства в постсоветском Таджикистане. //Труды Академии МВД РТ. – Душанбе. – 2002, Вып. 5. – С. 32–48.

[47] Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 685 с.

[48] Буриев И.Б. Становление и развитие институтов государственности на территории Таджикистана (досоветский период). Душанбе: Ирфон, 2008. –294с.

[49] Салохидинова С.М.Экономические основы конституционного строя как фактор развития современного Таджикистана //Конституционное и муниципальное право. 2017. № 9.- С. 77-79.

[50] Сулаймонов М.С. Конституционно- правовой статус Президента Республики Таджикистан. Душанбе. 2019. 154 с.

[51] Якубова С.Н. Тартиби ташкили мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. // Маводҳои конфронси илмӣ- амалӣ бахшида ба 20- солагии истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2011. - С. 74-79.

[52] Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан. –Душанбе: 2016. -199 с.

[53] Джамшедов Д.Н. Государственная служба Республики Таджикистан: конституционно-правовой аспект: Автореф. дис… канд. юрид. наук. М., 2011. –26с.

[54] Раззоқов Б.Ҳ. Масоили ҳуқуқии идораи минтақа. Душанбе: Ирфон, 1997. –127с.

[55] Иброҳимов, С.И. Рушди илми ҳуқуқи маъмурӣ дар Тоҷикистон /Маҷаллаи Академияи Тоҷикистонии байналмилалии макотиби олӣ (ТОМАНШ), Д., №1. 2020.

[56] Ойев Х. Ҳокимияти иҷроия: тамоили инкишоф ва вазифаҳо. //Давлат ва ҳуқуқ. 2003. №3.- С.1-12.

Аммо, мушкилоти бевоситаи асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ, сохтор ва тартиби ташкили онҳо дар сатҳи дахлдори монографӣ мавриди омӯзиш қарор дода нашудаанд. Ҳамчунин, тамоилҳои рушд ва заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ ба баррасии ҳамаҷониба ниёз доранд. Гузашта аз ин, на танҳо арзёбии минбаъдаи онҳо, балки таҳияи тавсияҳои мувофиқ низ аҳамияти хеле муҳим доранд. Итминони комил дорем, ки тадқиқоти диссертатсионӣ ин холигиҳоро дар низоми донишҳои илмӣ оид ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ то андозае пур хоҳад кард.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Ҳадафи асосии таҳқиқот аз омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, омӯзиши қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи дахлдори фаъолияти ин мақомот, таҳлили ҳолати танзими ҳуқуқии ташкили низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муайян намудани робитаҳои ташкилӣ-ҳуқуқии таъминкунандаи ҳамкории мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин таҳияи дастурҳои назариявӣ ва андешидани тадбирҳои ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷиҳати таъмин намудани манфиатҳои давлатдории тоҷикон иборат мебошад.

**Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо дар рисола вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:**

- масъалаи мафҳуми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар марҳилаи ҳозираи рушди илми ҳуқуқшиносӣ баррасӣ намуда, мавқеи онро дар низоми мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуд;
- омӯзиши қонунияти ташаккули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани сохтори он, муқоиса намуди хусусиятҳои функсионалӣ ва ҳуқуқии он;
- баррасӣ намудани салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, нишон додани муносибати диалектикӣ байни вазифаҳо, функсияҳо, ваколатҳо, салоҳият, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муайян намудани

---

[57] Соибов З.М. Фаҳмиши идоракунии давлатӣ дар илми ҳуқуқи маъмурӣ //Ҳаёти ҳуқуқӣ. №3 (27). 2019. - С.173-181.

[58] Марифхонов Р.Н. Масоили ҳуқуқи давлатӣ дар бунёди Тоҷикистони муосир /зери таҳрири д.и.ҳ., профессор С.И. Иброҳимов. –Душанбе: Дониш, 2018. - 334 с.

мушкилоти асосии тақсимбандии онҳо, додани тавсияҳо баҳри бартараф намудани онҳо;

- муайян намудани асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, таҳияи пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии танзими ҳуқуқии онҳо;

- омӯзиши шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таҳияи пешниҳодҳо ҷиҳати такмил додани онҳо;

- таҳлили мушкилоти ҳамкории мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллӣ ҳокимияти давлатӣ ҳангоми ҳалли масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ ва амалигардонии ваколатҳои ҳокимияти давлатӣ.

**Объекти таҳқиқотро** муносибатҳои ҷамъиятии бавуҷудоянда дар соҳаи амалисозии ҳокимияти иҷроия дар маҳал, яъне асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии онҳо, сохтор ва тартиби ташкили ин мақомот, хусусияти ваколатҳои онҳо, инчунин шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолият ва татбиқи салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқотро** меъёрҳои ҳуқуқии батанзимдарорандаи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар омода намудани диссертасия ҳам усулҳои умумии илмӣ ва ҳам тадқиқоти хусусӣ, аз ҷумла усулҳои таърихӣ, низомӣ-сохторӣ, диалектикӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқӣ, функсионалӣ, сотсиологӣ, инчунин аз дигар усулҳое, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ таҳия ва санҷида шудаанд, истифода карда шудааст.

Усули диалектикӣ ҳангоми омӯзиши қонунгузории ватании солҳои пеш, ки ба фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар давраи шӯравӣ дахл доштанд, истифода шудааст. Дар асоси усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ таҷрибаи амалии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар кишварҳои мутараққии демократӣ таҳлил карда шудааст. Бо ёрии усули мантиқӣ ва усули техникаи расмӣ-ҳуқуқӣ маводҳои амалия омӯхта ва ҷамъбаст карда шуда, дар асоси он ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо таҳия карда шуданд. Истифодаи маҷмӯии ин усулҳо имкон фароҳам овард, ки мавзӯи таҳқиқот ҳамаҷониба, пурра ва холисона омӯхта шуда, вазифаҳои дар рисола гузоштащуда ҳал карда шаванд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асоси назариявии диссертатсияро таҳқиқотҳои илмӣ оид ба моҳият, тартиби ташкил, сохтори ташкилӣ, низом, вазифа ва салоҳиятҳо, инчунин шаклҳо ва усулҳои фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар асарҳои олимони муосири пасошӯравӣ дар соҳаи ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ ҷой доранд, ба монанди В.Б. Аверянов, С.А. Авакян, С.С. Алексеев, Г.В. Атаманчук, В.Г. Афанасева, О.М. Баймуратова, Д.Н. Бахрах, И.Л. Бачило, И.П. Бутка, В.Г. Вишнякова, М.П. Воронова, А.С. Василева, В.М. Горшенов, В.М. Кампо, Л.В. Ковал, Ю.М. Козлова, М Корниенко, О.Е. Кутафин, Б.М. Лазарев, В.М. Манохин, В.Ф. Погорилка, В.Д. Рудашевский, А.О. Селиванова, Ю.А. Тихомиров, В.В. Светкова, К.Ф. Шеремет, В.Д. Яворский, А.М. Якуб, С.А. Ямполский ва дигарон ташкил медиҳанд.

Ҳамзамон дар диссертарсия дар баробари таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷӣ асарҳои олимони маъруфи соҳаи ҳуқуқи ватанӣ ба монанди З.Ализода, А.И. Имомов, А.М. Диноршоев, Ҷ.М. Зоиров, Ф.Т. Тоҳиров, Р.Ш. Сотиволдиев, Х.О. Ойев, С.Р. Раҷабов, К.Т. Мухторов, Б.С. Гадоев, Э.Б. Буриев, Б.Ҳ. Раззоқов ва дигарон ба таври васеъ истифода шудаанд.

**Заминаи меъёрии диссертатсияро** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 06.11.1994, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки масъалаҳои ташкил ва фаъолият, инчунин сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллиро танзим мекунанд, санадҳои Маҷлиси вакилони халқи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, ва санадҳои қабулнамудаи Раисони вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳияҳо ташкил медиҳанд.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия** дар он ифода мегардад, ки он аввалин таҳқиқоти мукаммали монографӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла масъалаҳои марбут ба мафҳум, моҳият, сохтор ва тартиби ташкили мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, вазифаҳо ва салоҳияти онҳо, инчунин шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва моҳияти таъмини ҳамкории мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бахшида шудааст. Дар натиҷа, оид ба такмили қонунгузорӣ дар бораи ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии

ҳокимияти давлатӣ пешниҳодҳои дорои хусусияти умумии назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шуданд.

**Таҳқиқоти илмии анҷомдодашуда имкон медиҳад, ки нуқтаҳои илмии зерин ба ҳимоя пешниҳод карда шаванд:**

1. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода мо чунин мафҳуми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро пешниҳод менамоем - он мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие мебошад, ки салоҳияти дахлдор дошта, вазифаҳои идоракунии давлатиро дар доираи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии дахлдор амалӣ менамояд, татбиқи иҷрои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, аз ҳисоби буҷети давлат маблағгузорӣ мешавад. Аз мафҳуми додашуда чунин аломатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бар меоянд - онҳо сохтори ягонаи ташкилиро ифода намуда, метавонанд ҳам аз номи худ ва ҳам аз номи давлат баромад намоянд; вазифаҳои иҷроияю амрдиҳии дахлдорро иҷро мекунанд; доираи фаъолияти онҳо дар қаламрави дахлдор маҳдуд мегардад, аз ҷониби мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ назорат карда шуда ба онҳо ҳисоботдиҳанда мебошанд (Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон); аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд; ваколатҳои худро мустақиман амалӣ месозанд.

2. Мо пешниҳод менамоем, ки зери сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, маҷмӯи воҳидҳои сохтории он ва низоми робитаҳои байни онҳо, ки дар зери таъсири омилҳои гуногун, устувории онҳоро таъмин менамоянд фаҳмида шавад. Дар мафҳуми додашуда ҳам моҳияти ҳолат (маҷмӯи воҳидҳои сохторӣ) - мафҳуми сохтор, ҳам серҳаракатии онҳо (низоми алоқамандиҳои сохторӣ), инчунин ҳолати воқеӣ (устувории нисбӣ) дар назар дошта шудаанд.

3. Зери вазифаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ - самтҳои дақиқи фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ҳадафи асосии он ҳалли мушкилоти маҳаллӣ ба манфиати аҳолӣ мебошад ва барои расидан ба ин ҳадаф таъсиррасонии ҳуқуқӣ хизмат мекунад, фаҳмида мешавад. Дар баробари ин, мувофиқи мақсад аст, ки вазифаҳоро ба вазифаҳои асосӣ ва ёрирасон тақсим намоем. Ба вазифаҳои асосӣ дохил мешаванд: ташкилӣ-иҷроиявӣ; назоратӣ; танзимӣ-идоракунӣ; меъёрэҷодкунӣ. Ба вазифаҳои ёрирасон иттилоотӣ ва юрисдиксионӣ дохил мешаванд, ки хусусияти созандагӣ дошта, барои таъмин намудани вазифаҳои асосӣ равона карда шудаанд.

4. Шаклҳои фаъолияти идоракунӣ – яке аз унсурҳои муҳими раванди идоракунӣ мебошанд, ки тавассути онҳо салоҳияти идоракунандагии давлат, мақомоти он ва шахсони мансабдор амалӣ карда мешаванд. Дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ шаклҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқии фаъолияти идоракунӣ фарқ карда мешаванд. Ба шаклҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, қабули санадҳои ҳуқуқӣ (қарор, амр) ва дар асоси онҳо иҷро намудани дигар амалҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ дохил мешавад. Амалҳои дигари ҳаррӯзае, ки аз ҷониби ин мақомот (шахсони мансабдор) анҷом дода мешаванд, шаклҳои ғайриҳуқуқии фаъолият мебошанд (ташкилӣ, таҳлилӣ, таъминотӣ ва ғ.).

5. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда мо таърифи зерини шартномаи маъмуриро пешниҳод менамоем. Шартномаи маъмурӣ ин созишест, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ асос ёфта, байни ду ва ё зиёда субъектони мустақил ва баробар бо ҳадафҳои муайян ва ифодаи иродаи онҳо, барои амалисозии фаъолияти идоракунандагии мақомоти давлатӣ ва иҷрои вазифаҳои мушаххас баста мешавад.

6. Зери шаклҳои ғайриҳуқуқии (ташкилии) фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, амалисозии фаъолияти идоракунандагие фаҳмида мешавад, ки бевосита бо татбиқи ваколатҳои давлатӣ-ҳокимиятӣ алоқаманд нестанд. Ин шакли фаъолияти мақомоти зикршуда як қатор хусусиятҳои хоси худро доранд. Якум, онҳо ба сифати шакли ифодаи фаъолияти ин мақомот баромад мекунанд. Дуюм, дар натиҷаи татбиқи ин шакли фаъолият, оқибатҳои ҳуқуқӣ ба амал намеоянд, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ тағйир намеёбанд ва ё қатъ намегарданд. Сеюм, онҳо танҳо барои амалҳое, ки оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меоранд, асос шуда метавонанд. Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба танзим медарорад, мо шаклҳои зерини ғайриҳуқуқии (ташкилии) фаъолияти онҳоро ҷудо карда метавонем: амалҳои моддӣ-техникӣ; ташкили кор оид ба масъалаи таъмин бо кадрҳо; дастҷамъона (коллегиалӣ) будани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (машварати назди Раис).

7. Фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар асоси ҳамкории мутақобилаи он бо мақомоти намояндагии маҳаллӣ, ба роҳ монда мешавад, ки он дар се шакл ифода меёбад. Шакли якуми ҳамкорӣ байни ин мақомотҳо масъалаи ташкилӣ ва таъмин бо кадрҳо мебошад. Ин муносибатҳо дар тартиби ташкили мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин бо тартиби муқарраршуда пешниҳод намудани шахсони мансабдор, ки бо

розигии Маҷлиси вакилони халқ ба вазифа таъин карда мешаванд ва дар назди он ҳисоботдиҳанда буда масъулият доранд, инъикос меёбанд. Шакли дуюми ҳамкориро мутобиқсозии фаъолияти ин мақомотҳо ташкил медиҳад. Доираи ин муносибатҳоро ҳамчун қоида, ҳалли масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии рушди минтақаи дахлдор дар бар мегирад. Шакли сеюми ҳамкориро муносибатҳои назоратӣ-контролӣ ташкил медиҳанд. Ин муносибатҳо ба принсипи ҳисоботдиҳанда будани мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар назди Маҷлиси вакилони халқ аз рӯи баъзе масъалаҳои муайян асос меёбанд. Мавҷудияти вазифаҳои назоратӣ-контролӣ ба мақомоти намояндагии маҳаллӣ имкон медиҳад, ки самтҳои муайяни фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро назорат кунад ва дар ҳолати зарурӣ масъалаи ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони мансабдори дахлдорро ба миён гузоранд. Гузашта аз ин, метавон гуфт, ки ҳамкории байни мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз маҷмӯи шакл ва усулҳои ташкилӣ-кадрӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назоратӣ- контролӣ иборат мебошанд, ки ба ҳалли муштараки масъалаҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ равона карда шудаанд.

**Инчунин як қатор хулосаҳои зерини амалӣ пешниҳод карда мешаванд:**

8. Зарур мешуморем, ки мафҳуми додашудаи «мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ» дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйир дода шуда бо тартиби зерин ифода карда шавад «мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ» - мақомоте, ки дар низоми мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар асоси Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, ваколатҳои иҷроиявӣ-амрдиҳӣ дорад, дар доираи салоҳияти худ иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин менамояд.

9. Зарур мешуморем, ки мафҳуми Раис, ки дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» оварда шудааст, тағйир дода шуда, дар таҳрири зерин ифода карда шавад - «Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия - шахси мансабдоре, ки ҳокимияти иҷроияро дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор амалӣ гардонида, ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ менамояд». Ин тағйирот ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Феҳристи мансабҳои давлатӣ, ки дар

он Раис шахси мансабдори сиёсии хизмати давлатӣ муайян карда шудааст ва воҳидҳои дахлдори маъмурию ҳудудиро роҳбарӣ менамояд, мувофиқат мекунад.

10. Барои таъин намудани Раиси воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ намунаи зеринро пешниҳод менамоем - онҳо бо пешниҳоди субъектҳои дахлдор аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин карда шаванд. Ба сифати субъектҳое, ки ҳуқуқи ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани номзадҳоро ба мансаби Раиси воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ доранд мо субъектҳои зеринро пешниҳод менамоем:

- ба вазифаи Раиси ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ- бо пешниҳоди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ба вазифаи Раиси ноҳия ва шаҳрҳои тобеи вилоят- бо пешниҳоди Раиси вилоят ва шаҳри Душанбе.

Дар баробари ин субъектоне, ки номзадро ба мансаби Раис пешниҳод менамоянд бояд пешакӣ номзади мазкурро бо мақомоти намояндагии маҳаллӣ (Маҷлиси вакилони халқ) мувофиқа намояд.

Дар ҳолати аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рад намудани номзади пешниҳодшуда субъектони нишондодашуда бояд дар муддати ду ҳафта номзади навро барои тасдиқ ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд.

11. Инчунин зарур аст, ки дар Қонуни конститутсионии мазкур масъалаи тартиби изҳори нобоварӣ ба Раис ва асосҳои изҳори нобоварӣ мушаххас муайян карда шаванд. Ба чунин асосҳо ба назари мо инҳоро дохил намудан мумкин аст: иҷро накардани қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ; иҷро накардани барномаҳои тасдиқшудаи рушди иҷтимоӣ-иктисодӣ ва ободонии қаламрав; дағалона вайрон кардани низоми буҷетӣ; инчунин дигар масъалаҳои муҳими дорои аҳамияти маҳаллӣ, ки ба салоҳияти Раис дохил мешаванд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои тадқиқот** дар он ифода меёбад, ки нуқтаҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда метавон барои такмили қонунгузории амалкунанда оид ба ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла ҷиҳати муайян ва мушаххас намудани меъёрҳои ҳуқуқие, ки масъалаҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти мазкурро танзим мекунанд, истифода бурда шаванд. Аз нуқтаи назари илмӣ-таҳқиқотӣ хулосаҳои таҳияшуда ба рушди як қатор бахшҳои илми ҳуқуқи конститутсионӣ ва мунисипалӣ, назарияи давлат ва ҳуқуқ мусоидат хоҳанд кард. Аз ҷумла, ин ба он бахшҳое дахл дорад, ки ба таърифи мафҳумҳои ҳокимияти иҷроия, низоми мақомоти иҷроияи

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин ба мушкилоти ҳамкории байни мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ бахшида шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар рисола дарҷёфта метавонанд дар раванди гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва амалӣ дар таълим ва омӯзиши фанҳои «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди истифода қарор дода шаванд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он муайян карда мешавад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, пешниҳодҳо, нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшуда, инчунин тавсияҳои амалӣ аз ҷониби худи муаллиф анҷом дода шуда, асоснок мебошанд, аҳамияти илмӣ ва амалӣ доранд. Муаллиф ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории амалкунанда, мукаммалгардонии назариявии илмии ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ, вобаста ба масъалаи вазъи ҳуқуқӣ- конститутсионӣ, сохтор, масъалаҳои салоҳият ва вазифаҳо, инчунин ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ як қатор тавсияҳо пешниҳод намудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Натиҷаи таҳқиқи рисола дар кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифта, натиҷаҳои асосии он дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва илмӣ-амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии зерин дар шакли маърӯзаҳои илмӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла:

- дар конференсияи илмӣ- амалӣ «Масъалаҳои муҳими ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ», маърӯза дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти дастгоҳи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»- Душанбе, 2013.;
- дар конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ «Рушди конститутсионализм дар Тоҷикистон дар давраи истиқлолият», маърӯза дар мавзӯи «Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»- Душанбе, 2014.;
- дар конференсияи байналмилалии илмӣ- амалӣ «Конститутсия танзимкунандаи муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ» бахшида ба 22-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯза дар мавзӯи «Самтҳои асосии рушди идоракунии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»- Душанбе, 2016.;
- дар конференсияи илмӣ- амалӣ «Нақши Конститутсия дар рушди соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 22-юмин

солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯза дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқии шакли фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»- Душанбе, 2016.;

- дар шашумин конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ», маърӯза дар мавзӯи «Оид ба мафҳуми салоҳият ва ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»- Душанбе, 26.04.2019.;
- дар ҳафтумин конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Низоми ҳуқуқии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои ИДМ: таҳлили тамоюл ва дурнамои рушд» бахшида ба 25- солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯза дар мавзӯи «Санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ ҳамчун шакли ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»- Душанбе, 31.10.2019.;
- дар конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ, дурнамо ва рушди илмҳои ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба 25- солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70- солагии таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, маърӯза дар мавзӯи «Мустаҳкамнамоии Конститутсионии ҳокимияти иҷроия дар низоми таҷзияи ҳокимият»- Душанбе, 2019.;
- дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ифодаи волоияти қонун, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат» бахшида ба 25- солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърӯза дар мавзӯи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккул ва рушди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»- Душанбе, 2.11.2019.;
- дар конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Конститусия ва низоми нави ҳуқуқии Тоҷикистон: алоқамандии илм, ҳуқуқ ва таҷриба», маърӯза дар мавзӯи «Масъалаҳои вазъи маъмурӣ- ҳуқуқии Раиси вилоят, шаҳр ва ноҳия»- Душанбе, 5.11.2020.

Муаллиф оид ба такмили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз соли 2004, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» аз соли 2009 дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки асосҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба танзим медароранд як қатор таклифҳоро пешниҳод намудааст.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Нуқтаҳои асосӣ ва хулосаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 30 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 8 мақола, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи

олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб ва шаш зербоб, хулоса ва руйхати сарчашма ва адабиётҳои истифодашуда иборат аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамият ва асосҳои интихоби мавзӯи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ, аҳамияти назарявӣ ва амалии хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда муайян карда шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «**Масъалаҳои назариявӣ- ҳуқуқии асосҳои ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**», муаллиф мафҳум ва моҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, сохтор ва тартиби ташкили мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, инчунин вазифаҳо ва салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додааст.

Дар зербоби якум «**Мафҳум ва моҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ**», муаллиф қайд менамояд, ки ҳокимияти иҷроия яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ буда, ҳадафи асосии он татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, иҷрои Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мазмуни онро фаъолияти иҷроиявӣ- амрдиҳии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ тавассути татбиқи ваколатҳои дахлдор бо усулҳо ва воситаҳое, ки қонун муайян намудааст ташкил медиҳад. Ин навъи ҳокимият дар якҷоягӣ бо субъект ва объектҳои дахлдор мақомоти иҷроия ҳокимияти давлатӣ, моҳияти ташкилӣ-сохтории низоми ҳокимияти иҷроияро дар маҷмӯъ ташкил медиҳанд ва онро амалӣ мегардонанд. Ғайр аз он, муаллиф қайд мекунад, ки моҳияти татбиқи ҳокимияти иҷроия низоми робитаҳои ташкилӣ-сохторӣ, усулҳо, шаклҳои фаъолият, воситаҳои ҳуқуқӣ, инчунин дигар воситаҳое мебошад, ки фаъолияти мустақили низоми ҳокимияти иҷроияро муайян мекунад, яъне ҷанбаи сохторӣ- функсионалӣ дорад. Дар асоси ин, рисоланавис ду унсури асосӣ: низоми мақомоти иҷроия ҳокимият ва тартиби амалисозии ҳокимияти иҷроияро муайян мекунад, ки онҳо дар ҳамоҳангии якҷоя идоракунии давлатиро ба вуҷуд меоранд.

Рисоланавис қайд менамояд, ки ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон ҳам дар сатҳи марказ ва ҳам дар сатҳи маҳал амалӣ карда мешавад. Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҷузъи низоми умумии ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистонро ташкил дода, яке аз қисмҳои муҳими ин низом мебошанд, зеро маҳз ҳамин мақомот ба аҳолӣ наздик буда, дар воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудии дахлдор фаъолият мекунанд. Ин дар тартиби амудии таъин ва озод кардани шахсони мансабдори мақомоти иҷроия, амалисозии роҳбарӣ аз болои фаъолияти мақомоти иҷроияи поёнӣ бо ҳуқуқи додани дастурҳои лозимӣ ва бекор намудани санадҳои онҳо, инчунин дараҷаи баланди ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ифода меёбад. Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, мақомоти доимамалкунандаи ҳокимияти давлатӣ буда, нақши асосӣ дар ташкили идоракунии давлатӣ дар воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудӣ маҳз ба онҳо таллуқ дорад. Муаллиф аломатҳои зерини мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ҷудо менамояд:

- онҳо низоми ягонаи ташкилӣ- сохториро ифода намуда, метавонанд ҳам аз номи худ ва ҳам аз номи давлат баромад намоянд;
- вазифаҳои дахлдори иҷроивӣ- амрдиҳиро амалӣ мегардонанд;
- фаъолияти онҳо дар ҳудуди муайян маҳдуд мегардад, яъне онҳо на дар тамоми қаламрави давлат, балки танҳо дар доираи як воҳиди маъмурӣ- ҳудудии дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррарнамуда амал мекунанд;
- онҳо аз ҷониби мақомоти болоии ҳокимияти давлатӣ (Президенти ҶТ, Ҳукумати ҶТ) назорат гардида ба онҳо ҳисоботдиҳанда мебошанд;
- аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ маблағгузорӣ карда мешаванд;
- ваколатҳои худро мустақиман амалӣ месозанд.

Дар асоси аломатҳои додашуда муаллиф чунин мафҳуми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро пешниҳод менамояд - он мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие мебошад, ки салоҳияти дахлдор дошта, вазифаҳои идоракунии давлатиро дар доираи воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии дахлдор амалӣ менамояд, татбиқи иҷрои Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, аз ҳисоби буҷети давлат маблағгузорӣ мешавад.

Ҳамчунин дар рисола муаллиф давраҳои таърихии ташаккули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор додааст. Муаллиф масъаларо таҳқиқ намуда, онро чунин даврабандӣ намудааст: давраи пеш аз шӯравӣ; давраи шӯравӣ ва давраи истиқлолият. Дар давраи пеш аз шӯравӣ рисоланавис

низоми идоракунии маҳаллиро дар давлатдории Сомониён махсус ҷудо намудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки маҳз Сомониён низоми мукаммали идоракунии давлатиро созмон додаанд, ки он дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун намунаи идоракуни хизмат мекард. Таҷрибаи идоракунии давлатии онҳо, аз ҷумла ташкили ҳокимияти маҳаллӣ, садсолаҳо барои мардуми Шарқ содиқона хизмат намудааст.

Ташаккули низоми муосири мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон, бо ҳамроҳшавии он ба ҳайати ИҶШС зич алоқаманд аст, зеро мафҳуми мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Иттиҳоди Шӯравӣ мерос мондааст, ки дар қаламрави он ҳама мақомоти ҳокимият дар сатҳи воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудӣ «мақомоти маҳаллии ҳокимият ва идоракунӣ» номида мешуданд.

Марҳилаи дигари ташаккули низоми идоракунии давлатӣ, хусусан мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо раванди ба даст овардани истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд аст. Рисоланавис қайд менамояд, ки қадами муҳимро дар самти рушди минбаъдаи падидаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, аз ҷониби Парлумони Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул намудани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 ташкил медиҳад, ки дар он мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ташкил, салоҳият ва тартиби фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муфассал танзим карда шудааст.

Дар зербоби дуюм **«Сохтор ва тартиби ташкили мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»,** муаллиф қайд менамояд, ки муайян намудани сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ яке аз масъалаҳои муҳими сохти давлатӣ мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳалли ин мушкилот аз самаранокии иҷрои вазифаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вобаста аст. Мафҳуми сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба қадри кофӣ мазмуни мураккаб дошта ҳаҷман васеъ аст, зеро он ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти ин мақомотро дар бар мегирад. Ҷанбаи ҳуқуқии онро масъалаҳои ташкилӣ дар бар мегиранд, ки сохти дохилии мақомотро ифода мекунанд. Дар асоси таҳқиқоти анҷомдода, рисоланавис ба чунин хулоса омадааст, ки зери сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ маҷмӯи қисмҳои сохтори онҳо ва низоми ҳамкории байни онҳо, ки устувории нисбии ин падидаро аз таъсири дигар омилҳо таъмин менамоянд, фаҳмида мешавад.

Роҳбари мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия мебошанд. Вазъи ҳуқуқии онҳо дар моддаи 78

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 18 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст. Дар рафти гузаронидани таҳқиқот, муаллиф ба хулосае омадааст, ки байни ин меъёрҳо фарқияти муайяне ба назар мерасад. Фарқият байни меъёри Конститутсия ва Қонуни конститутситонӣ дар он ба назар мерасад, ки дар Конститутсия, Раис на ҳамчун мақом балки ҳамчун роҳбар ва дар Қонуни конститутситонӣ ӯ (яъне Раиси воҳиди маъмурию ҳудудӣ) ҳамчун мақоми давлатӣ муқаррар шудааст. Дар ин замина, мо меъёри дар моддаи 78 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон додашударо дуруст мешуморем.

Вобаста ба ин, рисоланавис чунин мешуморад, ки мафҳуми Раис, ки дар моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» дода шудааст тағйир дода шуда он дар таҳрири зерин ифода карда шавад; «Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳр ва ноҳия - шахси мансабдоре, ки ҳокимияти иҷроияро дар ҳудуди воҳидҳои маъмурию ҳудудии дахлдор амалӣ гардонида, ба мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ роҳбарӣ менамояд».

Минбаъд, муаллиф қайд менамояд, ки ба низоми идоракунии маҳаллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ғайр аз Раис дигар воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ низ дохил мешаванд. Мураккабии таҳлили вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз он вобаста аст, ки онҳо аз «ҳошия»-и анъанавии танзими конститутсионӣ- ҳуқуқӣ дур мондаанд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаи ташкили ҳокимияти маҳаллӣ мафҳуми «мақомоти иҷроия» истифода шудааст, аммо аз ҷӣ бошад, ки қонунгузор ин мафҳумро бо вазъи ҳуқуқии Раис алоқаманд намудааст. Рисоланавис қайд мекунад, ки бо ворид намудани иловаҳо ба Қонуни конститутсионӣ аз 3 декабри соли 2009, мазмуни Қонуни конститутсионии мазкур ифодаи фаҳмо ва ошкор пайдо намуд.

Дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ду усули ташакили воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъини роҳбарони онҳоро ҷудо намудааст. Ба гурӯҳи аввал, сохторҳое дохил мешаванд, ки ба сохтор ва нақшаи идоракунии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроя дохил нашуда, роҳбарони онҳо бевосита аз ҷониби Раис ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд. Ба гурӯҳи дуюм, воҳиди мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия дохил мешаванд, ки дар ҳудуди маъмурию ҳудудии дахалдор дар доираи ваколати худ вазифаҳои мақомоти иҷроияи марказиро

иҷро мекунанд ва роҳбарони онҳо тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионӣ ба вазифа таъин ва озод карда мешаванд.

Минбаъд муаллиф дар рисола, масъалаи тартиби ба вазифа таъин ва озод кардани Раисро мавриди омӯзиш қарор дода, ба масъалаи дар сатҳи қонунгузорӣ мушаххас намудани тартиби изҳори нобоварӣ намудан ба Раис, хусусан аниқ муайян намудани асосҳо барои изҳори нобоварӣ намудан таваҷҷӯҳ намудааст. Ба чунин асосҳо муаллиф иҷро накардани қарорҳои Маҷлиси вакилони халқ; иҷро накардани барномаҳои тасдиқшудаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ободонии қаламрав; дағалона вайрон кардани низоми буҷетӣ; инчунин дигар масъалаҳои муҳими дорои аҳамияти маҳаллиро, ки ба салоҳияти Раис алоқамананд дохил менамояд.

Дар зербоби сеюми боби якум **«Вазифа ва салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»** диссертант қайд менамояд, ки омӯзиши мушкилоти муайян намудани вазифа ва салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва инчунин муайян намудани таносуби байни ин ду мафҳуми додашуда яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи сохтумони давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳалли дурусти он самаранокии танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи ваколатҳои онҳо вобаста аст.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар марҳилаи кунунии сохтумони давлатӣ ба мафҳуми «вазифаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», мақсад ва самтҳои асосии фаъолияти онҳо ва воситаҳои ҳуқуқии ноил шудан ба ҳадафҳои онҳоро дохил намудан мумкин аст. Мақсади асосии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳадафҳои иҷтимоии он зоҳир шуда дар иҷрои мақсад ва вазифаҳои идоракунии давлатӣ ифода меёбад. Ҳадафи иҷтимоӣ, дар навбати худ дар он ифода меёбад, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд эҳтиёҷоти аҳолиро таъмин намоянд, яъне мақсади асосии онҳо бояд таъмини сатҳ ва сифати хидматрасонии аҳолӣ бошад. Самтҳои асосии фаъолияти ин мақомот аз ҳамин бар меоянд. Аз таҳлили Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф самтҳои асосии зерини фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ҷудо намудааст: фароҳам овардани шароити мусоид барои амалисозии ҳуқуқ, озодӣ, манфиатҳои қонунии субъектони дахлдор, таъмини бехатарӣ шахс, ҷомеа, давлат дар ҳудуди дахлдор, таъмини рушди иқтисодиёт, татбиқи фаъолияти маъмурӣ- хоҷагидорӣ, таъмини татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва ғайра.

Барои муайян намудани моҳияти вазифаҳо, таснифи онҳо хеле муҳим аст. Муаллиф чунин мешуморад, ки вазифаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба асосӣ ва ёрирасон тақсим намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба вазифаҳои асосӣ дохил мешаванд: ташкилӣ-иҷроиявӣ; назоратӣ (контролӣ); танзимӣ-идоракунӣ; меъёрэҷоднамоӣ. Вазифаҳои ёрирасони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ба онҳо иттилоотӣ ва юрисдиксиониро дохил намудан мумкин аст, хусусияти нақшавӣ дошта, барои таъмини вазифаҳои асосӣ нигаронида шудаанд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда, муаллиф ба чунин хулосае омадааст, ки зери мафҳуми вазифаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, самтҳои мушаххаси фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки ба мазмуни он мутобиқ буда, барои расидан ба мақсаду манфиатҳо ва ҳадафҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ хизмат менамоянд ҷавобгӯ буда, барои ҳалли мушкилоти маҳаллӣ вобаста ба манфиати аҳолии маҳал равона шудаанд, фаҳмида мешавад.

Минбаъд рисоланавис қайд менамояд, ки унсури асосӣ, ки барои татбиқи фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нақши муҳим дорад, салоҳияти ин мақомот мебошад. Масъалаи он, ки салоҳиятро ҳамаи ҳуқуқу уҳдадориҳо дар бар мегиранд ё танҳо ваколатҳои ҳокимиятӣ, бояд қайд кард, ки то он вақте, ки зери салоҳият ҳама ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти давлатӣ ва ё танҳо ваколатҳои ҳокимияти фаҳмида мешавад, мафҳуми мустақили ҳуқуқии он пайдо намешавад. Дар ҳолати аввал, вазъи умумӣ ва дар ҳолати дуюм вазъи ҳуқуқӣ-маъмурӣ мақомоти давлатӣ дар назар дошта мешавад. Мафҳуми мустақили ҳуқуқии салоҳиятҳо танҳо дар асоси алоқамандии онҳо бо вазифаҳои мақомоти давлатӣ ташаккул меёбад. Дар асоси ин, рисоланавис салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ҳамчун маҷмӯи фаъолият ва ваколати он муайян менамояд, ки ба мақомот ва шахсони мансабдор вобаста ба фаъолияти онҳо тааллуқ дорад. Ба ибораи дигар, муаллиф дар мафҳуми салоҳияти ду унсур: якум, «самти фаъолият» (муносибатҳои ҷамъиятӣ), дуюм, «ҳуқуқ ва уҳдадориҳо» ё «ваколати ҳокимиятии» мақомотро муттаҳид намудааст. Самти фаъолият ҳамеша дар қонунгузорӣ дар ин ё он шакл муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад, ки мавзӯи танзими ҳуқуқии он дар шаклҳои гуногун ифода мегардад. Ба унсури дуюми салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ваколатҳои он дохил мешаванд, ки аз як тараф ҳамчун ифодаи мустақими ҳукмфармоии давлат ва аз тарафи дигар хусусияти махсуси мақомот ба назар мерасанд. Аз назари рисоланавис салоҳияти мақомоти иҷроияи

маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба салоҳиятҳои хоси мақомот, вогузоршаванда ва шартномавӣ ҷудо намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Дар боби дуюми диссертатсия, **«Шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»,** санадҳои ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шакли фаъолияти идоракуни таҳлил шуда, инчунин шаклҳои ғайриҳуқуқӣ (ташкилии) фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва роҳҳои ҳуқуқии таъмини ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Дар зербоби якуми боби дуюм **«Санадҳои ҳуқуқии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун шакли амалисозии фаъолияти идоракунӣ»,** рисоланавис қайд менамояд, ки иҷрои вазифаҳои идоракунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тартиби махсусро тақозо менамояд, ки доираи берунии фаъолияти идоракунии ин мақомотро ифода намояд. Аз ин нуқтаи назар, шаклҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ (ташкилии) амалисозии ҳокимияти иҷроияро бояд фарқ кард. Барои шаклҳои ҳуқуқӣ хусусиятҳое хос мебошанд, ки онҳо ҳамеша боиси зоҳиршавии оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад (масалан, қабули қарори Раиси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ). Нақши онҳо дар татбиқи ҳокимияти иҷроия маҳз дар ҳамин ифода меёбад, яъне мазмуни онро ваколатҳои ҳокимиятӣ ташкил медиҳанд. Шаклҳои ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ) оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён намеоранд. Масалан, ташкили кори бахшҳои сохтории дастгоҳи Раис, гузаронидани машғулиятҳо (семинар), машваратҳо, коркарди иттилооти гирифташуда ва ғайр яъне иҷронамоии фаъолиятҳои васеи ташкилӣ ё амалиётҳои моддӣ-техникӣ.

Ба шаклҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, қабули санадҳои ҳуқуқӣ (қарор, амр) ва дар асоси онҳо амалисозии фаъолиятҳои дигари хусусияти ҳуқуқӣ дошта дохил мешаванд.

Ин мақомотҳо ду намуди санадҳои ҳуқуқӣ- санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқҳифзкуниро қабул мекунанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ- ин ҳуҷҷати расмии хаттӣ мебошанд, ки аз ҷониби субъекти ваколатдор дар шакл ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қабул гардида, барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ равона шуда, дорои дастурҳои меъёрӣ мебошанд ва барои истифодаи бисёркаррата пешбинӣ шудаанд. Илова ба санадҳои меъёрӣ ҳуқуқӣ, Раис як қатор санадҳои

ҳуқуқҳифзкуниро қабул мекунад. Яке аз чунин санадҳо амр мебошад, ки ҳамчун қоида ба танзими масъалаҳои ташкилии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ равона шудааст.

Ҳангоми омӯзиши масъалаи санадҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мавҷуд будани чунин санад, қарорҳои идоравиро қайд намудан мумкин аст. Мавҷудияти ин намуди санад бо иҷрои вазифаҳои мақомоти иҷроияи маҳаллӣ - танзимӣ- идоракунӣ алоқаманд аст. Дар адабиётҳои илмӣ, қарори идоравӣ бо якчанд тафсирҳои гуногун маънидод карда мешавад. Пеш аз ҳама, бояд ба он диққат дод, ки қарорҳои идоравии мақомоти иҷроияи маҳаллӣ аз рӯи табиати худ ҳатмӣ мебошанд, яъне хусусияти маҷбурсозӣ доранд.

Дигари шакли муҳими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ғайр аз санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, шартномаи маъмурӣ мебошад. Дар солҳои охир масъалаҳои назариявии шартномаи маъмурӣ ба таври мушаххас аз ҷониби олимони ватанию хориҷӣ дар соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ равшанӣ андохта шудаанд. Муаллиф чунин мешуморад, ки масъалаҳои асосии зерин: муайян кардани мавзӯи шартномаи маъмурӣ, тартиби бастани шартномаи маъмурӣ, муайян кардани камбудиҳои қонунгузорӣ, ки ба истифодаи самарабахши шартномаи маъмурӣ халал мерасонанд ва роҳҳои имконпазири бартараф намудани онҳо, омӯзишро талаб мекунанд. Мафҳуми шартномаи маъмурӣ дар таълимоти илмӣ ба тарзҳои гуногун тафсир карда мешавад. Дар мавриди қонунгузорӣ бошад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 16 апрели соли 2012 мафҳуми шартномаи маъмуриро ба таври возеҳ муайян кардааст. Тибқи моддаи 2 қонуни мазкур «шартномаи маъмурӣ – санади ҳуқуқие, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истисной функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд».

Муаллиф чунин мешуморад, ки дар таърифи додашуда мувофиқи мақсад мебуд агар ба ҷои истилоҳи «мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ» истилоҳи «мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ» истифода карда мешуд, чун ки зери ин мафҳум ҳам мақомоти иҷроияи марказӣ ва ҳам мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаҳмида мешавад. Бо назардошти гуфтаҳои боло шартномаи маъмуриро чунин таъриф додан мумкин аст. Шартномаи маъмурӣ ин созишест, ки ба меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ асос ёфта, байни ду ва ё

зиёда субъектони мустақил ва баробар бо ҳадафҳои муайян ва ифодаи иродаи онҳо, барои амалисозии фаъолияти идоракунандагии мақомоти давлатӣ ва иҷрои вазифаҳои мушаххас баста мешавад.

Рисоланавис чунин мешуморад, ки намудҳои шартномаҳои маъмурӣ бояд аз рӯи ду меъёр тасниф карда шаванд. Меъёри якум, тибқи «мавзӯи шартномаи маъмурӣ», меъёри дуюм, аз рӯи «хосиятҳои ҳуқуқии шартномаи маъмурӣ». Мувофиқи меъёри якум, «мавзӯи шартномаи маъмурӣ» чунин намудҳои шартномаи маъмуриро ҷудо намудан мумкин аст: шартнома дар бораи вогузор кардани ваколатҳо; шартнома дар бораи фаъолияти муштарак; шартнома барои иҷрои фармоишҳои давлатӣ.

Дар зербоби дуюми рисола **«Шаклҳои ғайриҳуқуқии (ташкилии) фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ»** муаллиф қайд менамояд, ки фаъолияти мақомоти иҷроия на танҳо дар шакли ҳуқуқӣ, балки дар шаклҳои ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ) низ амалӣ карда мешавад.

Шаклҳои ғайриқонунии (ташкилии) фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ як қатор хусусиятҳои хос доранд. Якум, онҳо ҳамчун шакли ифодаи фаъолияти ин мақомот баромад мекунанд. Дуюм, натиҷаи татбиқи ин шакли фаъолият оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён намеорад, боиси тағйир ё қатъгардии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ намегардад. Сеюм, онҳо танҳо барои содир кардани фаъолияте, ки оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён меоранд, асос шуда метавонанд.

Амалияи татбиқи ин шакли фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор дода, бояд қайд намуд, ки як қатор мушкилоте ҷой дорад, ки сабаби танзими ҳуқуқӣ нагардидани он шудаанд. Бештари олимони ватанию хориҷӣ ба шаклҳои ғайриҳуқуқии (ташкилии) фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия: фаъолияти (ё чораҳо) ташкилӣ; амалҳои моддӣ- техникии шакли фаъолияти идоракуниро дохил менамоянд.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро ба танзим медарорад мавриди таҳлил қарор дода, бояд қайд намуд, ки он як қатор шаклҳои мушаххаси ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ)-и фаъолияти ин мақомотҳоро муайян менамояд, ки муаллиф онҳоро ба се намуд тақсим мекунад:

1. амалҳои моддӣ- техникӣ;
2. ташкили кор оид ба масъалаи таъмин бо кадрҳо;
3. дастҷамъона (коллегиалӣ) будани фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (машварти назди Раис).

Амалҳои моддӣ-техникиро ҳамчун амали дар асоси санадҳои ҳуқуқӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ва шахсони мансабдор дар доираи салоҳияташон ё дар асоси иҷозати махсус анҷом додашавандае метавон муқаррар намуд, ки барои вайрон намудани онҳо татбиқи намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ дахлдор пешбинӣ шудааст. Дар байни амалҳои моддӣ- техникӣ, хусусан ҳуҷҷатгузории фаъолияти идоракунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дастурҳои хидматиро қайд намудан муҳим аст. Ба ғайр аз ҳуҷҷатҳои идоракунӣ, дар ташкили фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ба истилоҳ дастурҳои хидматӣ нақши муҳим доранд. Дар асоси таҷрибаи ташаккулёфтаи фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии Тоҷикистон, муаллиф намудҳои зерини дастурҳои хидматиро ҷудо менамояд: нишондод, супориш ва амри хаттӣ. Шакли дуюми ғайриҳуқуқии (ташкилии) фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкили кор оид ба масъалаи таъмин бо кадрҳо дар мақомоти дахлдор мебошад. Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки ҳама кормандони сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро метавон ба се категория тақсим намуд: 1) ҳайати роҳбарикунанда; 2) мутахассисон; 3) кормандони техникӣ. Ба ҳайати роҳбарикунандаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ Раис ва муовинони раис дохил мешаванд. Мутахассисон кормандоне мебошанд, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ё дастурҳои вазифавӣ ба зимаи онҳо иҷрои вазифаҳои ташкилӣ- маъмурӣ ва машваратӣ- маслиҳатӣ гузошта шудааст. Кормандони техникӣ ҳама дигаре шахсони мебошанд, ки дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолият менамоянд. Шакли дигари муҳими фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро машварати назди Раис ташкил медиҳад. Мавҷудияти чунин шакли фаъолият барои мувофиқасозӣ қарорҳо ва масъалаҳои марбут ба салоҳияти мақомот, инчунин барои муҳокимаи дастаҷамъона ва озодӣ муҳимтарини самтҳои фаъолият зарур мебошад. Дар баробари ин, чи тавре, ки таҷрибаи кори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ нишон медиҳад, фаъолияти дастаҷамъона бояд дар ҳолатҳои зарурӣ воқеан ва оқилона истифода шавад, агар он манфиатнокии корро талаб намояд.

Дар зербоби сеюми боби дуюм, **«Воситаҳои ҳуқуқии таъмини ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ва намояндагии ҳокимияти давлатӣ»** рисоланавис қайд менамояд, ки ҳокимияти давлатӣ дар Тоҷикистон дар асоси принсипи таҷзияи ҳокимият сохта мешавад, ки дар моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарррар

шудааст. Ин принсип бояд ба ташкили самарабахши ҳокимият мусоидат намояд, яъне мувозинати байни шохаҳои гуногуни онро нигоҳ дорад.

Тартиби ҳамкории мақомоти маҳаллӣ дар Тоҷикистон бо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004 муайян карда мешавад. Санадҳои зикршуда на танҳо ташкили мустақилонаи ҳар як шохаи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, балки воситаҳои ҳамкории онҳоро муқаррар кардаанд. Самти асосии ташкил ва фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (мақомоти намояндагӣ ва иҷроия)-ро ҳамкории онҳо ташкил медиҳад.

Рисоланавис қайд менамояд, ки чи дар сатҳи марказӣ ва чи дар сатҳи маҳаллӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар робита ба объекти идоракунӣ  дар ҳамкорӣ қарор доранд ва ин ҳамкориҳо бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи ягона- баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолии минтақа ва рушди самарабахши иқтисодӣ ва иҷтимоии қаламрави дахлдор равона карда шудаанд. Аз ин лиҳоз, дар марҳилаи кунунии рушди босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз масъалаҳои ҳамкории муваффақонаи ин ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ аҳамияти муҳим пайдо мекунад. Тибқи Қонуни конститутсионии зикршуда, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷрои Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори мақомоти маҳаллии ҳокимиятро дар доираи воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудии дахлдор таъмин менамоянд.

Таҳлили қонунгузории кишвар, нишон медиҳад, ки ҳамкории мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба принсипҳои зерин асосо ёфтааст: қонуният ва адолати иҷтимоӣ; ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ; ба таври демократӣ, ошкоро ва бо назардошти гуногунандешии сиёсӣ ҳал намудани масъалаҳо; масъулият барои натиҷаҳои фаъолияти худ дар назди аҳолӣ; изҳори иродаи аҳолӣ ба воситаи Маҷлиси вакилони халқи дахлдор; мустақилияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳалли масъалаҳои ваколати худ; ҳатмӣ будани иҷрои санадҳои мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки дар доираи ваколаташон қабул шудаанд; дастаҷамъӣ будани фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; яккасардории фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ.

Мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллӣ бо ҳамдигар дар соҳаҳои гуногун ҳамкориҳои зич доранд. Дар асоси таҳлили

қонунгузории кишвар, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки ҳамкории ин мақомотҳо дар се шакл ифода меёбад. Шакли якуми ҳамкорӣ байни ин мақомотҳо масъалаҳои ташкилӣ ва таъмин бо кадрҳо мебошад. Шакли дуюми ҳамкориҳоро мутобиқсозии фаъолиятҳо ташкил медиҳад. Шакли сеюми ҳамкориҳо ба муносибатҳои назоратӣ- контролӣ алоқаманд мебошанд. Ҳамин тариқ, дар сатҳи маҳаллӣ, дар маҷмӯъ, низоми муайяни ҳамкориҳо байни мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда шудаанд. Ин ҳамкориҳо барои татбиқи самарабахши ҳокимият дар маҳал мусоидат менамоянд. Дар ин асоси, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамкории мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ аз маҷмӯи шакл ва усулҳои ташкилӣ-кадрӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назоратӣ- контролӣ иборат мебошанд, ки ба ҳалли муштараки ҳам мушкилоти умумидавлатӣ ва ҳам маҳаллӣ равона карда шудаанд.

Дар **хулоса** муаллиф, асосҳои назариявӣ ва хулосаҳоро ки дар пояи таҳқиқоти диссертатсионӣ таҳия шудаанд баён намудааст. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки ҳокимияти иҷроия- як шохаи ҳокимияти давлатӣ буда, ҳадафи асосии он татбиқи сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат, иҷрои Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мазмуни онро фаъолияти иҷроиявӣ- амрдиҳии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ тавассути татбиқи ваколатҳои дахлдор бо усулҳо ва воситаҳое, ки қонун муайян намудааст ташкил медиҳад. Ҳокимияти иҷроия дар Тоҷикистон ҳам дар сатҳи марказӣ ва ҳам дар маҳаллӣ амалӣ карда мешавад. Мақомоти иҷроияи маҳаллӣ ҷузъи низоми умумии ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистонро ташкил дода, яке аз қисмҳои муҳими ин низом мебошанд, зеро маҳз ҳамин мақомот ба аҳолӣ наздик буда дар воҳидҳои маъмурӣ- ҳудудии дахлдор фаъолият мекунанд. [13– М]

Рисоланавис қайд менамояд, ки мафҳуми сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба қадри кофи мурракаб ва ҳаҷман васеъ аст, зеро он ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад. Ҷанбаи ҳуқуқии онро масъалаҳои ташкилӣ дар бар мегиранд, ки сохти дохилии мақомотро мекушоянд. Дар асоси таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, муаллиф ба хулосае омадааст, ки ду роҳи ташкили воҳидҳои сохтории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъини роҳбарони онҳо вуҷуд дорад. [12– М]

Мушкилоти муайян намудани вазифа ва салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва инчунин муайян намудани таносуби байни ин ду мафҳуми додашуда яке аз масъалаҳои муҳим дар соҳаи сохтумони давлатӣ ба ҳисоб меравад. Аз ҳалли дурусти он

самаранокии танзими ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва татбиқи ваколатҳои онҳо вобаста аст. [3– М]

Рисоланавис қайд менамояд, ки иҷрои вазифаҳои идоракунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тартиби махсусро тақозо менамояд, ки доираи берунии фаъолияти идоракунии ин мақомотро ифода намояд. Аз ин нуқтаи назар, шаклҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ (ташкилии) амалисозии ҳокимияти иҷроияро бояд фарқ кард. Барои шаклҳои ҳуқуқӣ хусусиятҳое хос мебошанд, ки онҳо ҳамеша боиси зоҳиршавии оқибатҳои ҳуқуқӣ мегардад. Шаклҳои ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ) оқибатҳои ҳуқуқиро ба миён намеоранд. [20–М]

Дар натиҷаи таҳқиқи гузаронида муаллиф ба хулоса омадааст, ки мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллӣ бо ҳамдигар дар соҳаҳои гуногун ҳамкориҳои зич доранд ва ин ҳамкориҳоро ба се шакл - масъалаҳои ташкилӣ ва таъмин бо кадрҳо, мутобиқсозии фаъолиятҳо, ва муносибатҳои назоратӣ- контролӣ тақсим кардан мумкин аст. Ҳамин тариқ, дар сатҳи маҳаллӣ, дар маҷмӯъ низоми муайяни ҳамкориҳо байни мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ба роҳ монда шудаанд. Ин ҳамкориҳо барои татбиқи самарабахши ҳокимият дар маҳал мусоидат менамоянд. [2– А]

Инчунин, рисоланавис дар ҷараёни таҳқиқот як қатор масъалаҳоеро матраҳ намудааст, ки онҳоро дар сатҳи қонунгузорӣ ҳал намудан мумкин аст.

## МАЗМУНУ МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР МАВОДИ ИНТИШОРИИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ДАРҶ ШУДААНД:

### Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд

[1–М] Қодиров Ҷ.Ш. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Ҷ.Ш. Қодиров// Пайёми Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон. (маҷаллаи илмӣ) силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ. № 3/5(118) Душанбе: «СИНО» 2013. – С. 145-150.

[2–М] Кодиров Дж. Ш. Правовые механизмы обеспечение взаимодействия местных органов государственной власти в Республики Таджикистан. /Дж. Ш. Кодиров // Вестник Таджикского

Национального Университета (научный журнал) серия гуманитарных наук. № 3/5(142). Душанбе: «СИНО» 2014. – С. 87-92.

[3– М]. Кодиров Дж.Ш. О соотношении компетенции и полномочий местных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров // Правовая жизнь. № 2. (22) 2018. – С. 95-112.

[4–М]. Қодиров Ҷ.Ш. Оид ба масъалаи ташкили сохтори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. / Ҷ.Ш. Қодиров // Ҳайёти ҳуқуқӣ. № 1. (25) 2019. – С. 69-75.

[5–М]. Кодиров Дж. Ш. Административный договор- правовая форма деятельности местных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров // Правовая жизнь. № 3. (27) 2019. – С. 181-189.

[6–М]. Кодиров Дж. Ш. Законодательное регулирование организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров // Правовая жизнь. №1. (29) 2020. – С. 292-299.

[7–М]. Диноршоев А.М. Қодиров Ҷ.Ш. Асосҳои ҳуқуқии шакли фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ./ А.М. Диноршоев, Ҷ.Ш. Қодиров // Ҳайёти ҳуқуқӣ. №1. (29) 2020. – С. 81-87.

[8–А]. Диноршоев А.М. Кодиров Дж.Ш. Понятие и признаки местных исполнительных органов государственной власти. / А.М. Диноршоев, Дж.Ш. Кодиров // Правовая жизнь. №4. (32) 2020. – С. 48-54.

**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрия ва маҷмӯаҳои дигар чоп шудаанд**

[9–М] Кодиров Дж. Ш. Юридическая характеристика исполнительной власти и ее место в системе разделения властей. /Дж. Ш. Кодиров // Государство и право. № 2. 2005. – С. 1-7.

[10– М] Қодиров Ҷ.Ш.Асосҳои конститутсионии ташкили мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. /Ҷ.Ш. Қодиров //Давлат ва ҳуқуқ. № 4. 2005. – С.11-13.

[11– М] Қодиров Ҷ.Ш. Сохтор ва салоҳияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ. /Ҷ.Ш. Қодиров //Давлат ва ҳуқуқ. № 3. 2009. – С.75-79.

[12– М] Кодиров Дж. Ш. Структура и порядок формирования местных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров // Правовая Жизнь. №1(05). 2014. – С. 50-57.

[13– М] Кодиров Дж. Ш. К вопросу о понятие исполнительной власти. /Дж. Ш. Кодиров // Правовая Жизнь. №1(09) 2015. С. 14-20.

[14– М] Кодиров Дж. Ш. Место исполнительной власти в механизме государственного управления. /Дж. Ш. Кодиров// Вестник Конституционного Суда Республики Таджикистан. №1. 2015. – С.117-121.

[15– М] Кодиров Дж. Ш. Конституционные основы организации и деятельности местных структур центральных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров //Государствоведение и права человек. Научно- практический журнал 1(01). 2016. – С. 71-77.

[16– М] Қодиров Ҷ.Ш. Самтҳои асосии рушди идоракунии давлатии маҳаллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. /Ҷ.Ш. Қодиров //Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. №3. (06) 2018. – С. 54-59.

[17– М] Кодиров Дж. Ш. О функции местных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров //Государствоведение и права человек. №3 (15).2019. – С. 86-93.

[18– М] Кодиров Дж. Ш Законодательство Республики Таджикистан о местных исполнительных органах государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров //Материалы Международной научно-практической конференции на тему «Развития конституционализма в Таджикистане в период независимости». Душанбе (29 октября 2014). – С. 157-164.

[19– М] Кодиров Дж. Ш. О понятие компетенции и полномочии местных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров //МатериалыVI международное студенческой научно-практическая конференция. «Актуальные вопросы юриспруденции». Душанбе. (26 апреля 2019). – С. 367-373.

[20– М] Кодиров Дж. Ш. Правовые акты управления как провавая форма деятельности местных исполнительных органов государственной власти. /Дж. Ш. Кодиров // Материалы VII международная научно-практическая конференция посвещенная 25-летию Коституции РТ. «Национальная правовая система РТ и стран СНГ: анализ тенденций и преспектив развития». Душанбе. (31 октября 2019). – С. 414-418.

[21–М] Кодиров Дж. Ш. Конституционное закрепление исполнительной власти в системе раздиления властей. /Дж. Ш. Кодиров //Материалы Международной научно-теоретической конференции на тему «Конституция Республики Таджикистан и национальная правовая система: предпосылки развитияи перспективы юридической науки» посвященную «25-летию Конституции Республики Таджикистан» и «70-летию образования юридического факультетаТаджикского национального университета». Душанбе. 2019. – С. 111-116.

[22– М] Қодиров Ҷ.Ш. Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳким ва ташаккули мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ./Ҷ.Ш. Қодиров // Маводҳои Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба 25-умин солгарди рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: ифодаи арзишҳои волоияти қонун, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат». Душанбе (2 ноябри 2019). – С.144-149.

## АННОТАТСИЯ

**ба диссертатсияи Қодиров Ҷурабек Шарифович дар мавзӯи «Асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Калидвожаҳо:** ҳокимияти давлатӣ, таҷзияи ҳокимият, мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти маркази ҳокимияти иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, идоракунии давлатӣ, вазифа, салоҳият, ваколат, Раис, қарор, амр, шартномаи маъмурӣ.

Рисолаи номзадии Қодиров Ҷ.Ш., ба яке аз масъалаҳои мубрами илми ҳуқуқи конститутсионии Тоҷикистон, хусусан, асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии ташкил ва фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бахшида шудааст. Мубрамияти мавзӯи таҳқиқоти ба он асос меёбад, ки ташкили дурусти фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, танзими муносиби ҳуқуқии салоҳият ва шаклҳои фаъолияти мақомоти дахлдор барои таъсири онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама, ба афзоиши некӯаҳволии аҳолие, ки дар воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ зиндагӣ мекунанд хеле муҳим аст, зеро ин яке аз ҳадафҳои асосӣ ва вазифаи ин мақомот мебошад.

Мавзӯи таҳқиқнамудаи муаллиф, як падидаи маҷмӯии (комплексии) ҳуқуқӣ- конститутсионӣ мебошад. Дар таҳқиқот рисоланавис моҳияти ҳуқуқӣ ва хосиятҳои хоси мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, қонунгузории амалкунанда ва амалияи фаъолияти ин мақомотҳоро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, вазъи ҳуқуқии танзими ташкили низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил намуда, робитаҳои ташкилӣ- ҳуқуқии таъминкунандаи ҳамкории мақомоти маҳаллии намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимияти давлатиро муайян кардааст, ҳамчунин хулосаҳои назариявӣ ва тадбирҳои ҳуқуқиро оид ба таъмини ташаккули низоми мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои таҳкими манфиатҳои давлатдории тоҷикон таҳия намудааст.

Хулоса ва пешниҳодҳои дар натиҷаи таҳқиқоти диссертатсионӣ матраҳгардида дорои аҳамияти баланди назариявию амалӣ буда, ба таҳияи асосҳои бунёдии рушди ҳуқуқи конститутсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудаанд.

**АННОТАЦИЯ**

**на диссертацию Кодирова Джурабека Шарифовича на тему «Конституционно- правовые основы организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан» на соискание ученой степени кандидата юридических наук по специальности 12.00.02 – Конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право (юридические науки)**

**Ключевые слова:** государственная власть, разделения властей, органы исполнительной власти, центральные органы исполнительной власти, местные органы государственной власти, местные исполнительные органы государственной власти, государственное управление, функция, компетенция, полномочия, Председатель, постановление, распоряжение, административный договор.

Кандидатская диссертация Дж.Ш. Кодирова посвящена изучению актуального для науки конституционного права Таджикистана вопроса, а именно конституционно–правовым основам организации и деятельности местных исполнительных органов государственной власти. Актуальность темы исследования подтверждается тем, что надлежащая организация и деятельность местных исполнительных органов государственной власти, оптимальное правовое регулирование компетенции и форм деятельности этих органов имеет существенное значение для их воздействия на общественные отношения, прежде всего, на рост благосостояния населения, проживающего на соответствующей административно-территориальной единицы, ведь это является главной целью и задачей деятельности указанных органов.

Изученная автор тема, представляет собой комплексный конституционно-правовой институт. В работе диссертант исследовал юридическую природу и характерные свойства местных исполнительных органов государственной власти, изучил действующее законодательство и соответствующую практику деятельности указанных органов, проанализировал состояния правового регулирования формирования системы местных

исполнительных органов государственной власти в Республике Таджикистан, выявил организационно-правовые связи, обеспечивающие взаимодействие местных представительных и исполнительных органов государственной власти, а также выработал теоретические положения и правовые меры по обеспечению формирования системы местных исполнительных органов государственной власти в интересах укрепления таджикской государственности.

Основные выводы и предложения диссертационного исследования имеют большое теоретическое и практическое значение, и направленны на разработку концептуальных основ развития конституционного права Республики Таджикистан.

## ANNOTATION

**for the dissertation of Kodirov Jurabek Sharifovich on the topic "The constitutional and legal foundations of the organization and activities of local executive bodies of state power in the Republic of Tajikistan" for the degree of candidate of legal sciences in the specialty 12.00.02 - Constitutional law; constitutional litigation; municipal law (legal sciences)**

**Keywords:** power, state power, separation of powers, executive bodies, central executive bodies, local state bodies, local executive bodies of state power, function, competence, powers, Chairman, resolution, decision, administrative contract.

Dissertation by J.Sh. Kodirova is devoted to the study of a topical issue for the science of the constitutional law of Tajikistan, namely, the constitutional and legal foundations of the organization and activities of local executive bodies of state power. The relevance of the research topic is confirmed by the fact that the proper organization and activities of local executive bodies of state power, the optimal legal regulation of the competence and forms of activity of these bodies is essential for their impact on public relations, primarily, on the growth of the well-being of the population living in the corresponding administrative-territorial units, because this is the main goal and task of the activities of these bodies.

The topic studied by the author is a complex constitutional and legal institution. In his work, the author investigated the legal nature and characteristic properties of local executive bodies of state power, studied the current legislation and the relevant practice of these bodies, analyzed the

state of legal regulation of the formation of a system of local executive bodies of state power in the Republic of Tajikistan, identified organizational and legal ties that ensure the interaction of local representative and executive bodies of state power, and also developed theoretical provisions and legal measures to ensure the formation of a system of local executive bodies of state power in the interests of strengthening Tajik statehood.

The main conclusions and proposals of the dissertation research are of great theoretical and practical importance, and are aimed at developing a conceptual framework for the development of constitutional law of the Republic of Tajikistan.